# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ оид ба кори дисертатсионии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар мавзуи **«Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01-Технологияи тавлиди доруворӣ.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич аз давраи донишҷӯ буданаш ба маҳфилҳои илмӣ шомил буда, ба корҳои илмӣ машғул шудааст. Ӯ пас аз хатми факултети фарматсевтии ДМТ соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи фариатсия коро оғоз намуд, сипас ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фармакогнозияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст, дар рафти анҷоми кори диссертатсионӣ худро ҳамчун мутахассиси кордон, боандеша ва боистеъдод нишон дод.

Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ қобилияти мустақилона пеш бурдани таҳқиқотҳои амиқи назариявӣ ва дар доираи васеи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ оид ба экстраксия, ҷудокунӣ ва таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд анҷом додаст.

Дар баробари корҳои илмию таҳқиқотиаш Каримов Ф.У. бо мақсади аз худ намудани маҳорати педагогӣ дар корҳои тарбиявӣ фаъолона иштирок намуда, дар кафедраи фармакогнозияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон худро ҳамчун муаллими ботаҷриба нишон дод.

Бо кормандон ва донишҷӯён муоширати хуб дорад. Ҳангоми кори рисолаи номзадӣ Каримов Фирдавс Убайдуллоевич ҳамчун иҷрокунандаи лоиҳаи илмии озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Омӯзиши маҷмаавии баъзе гиёҳҳои шифобахши худруи Тоҷикистон" (рақами бақайдгирии давлатӣ №0120TJ01002) ба таҳқиқоти илмӣ машғул буд.

Кори илмии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар мавзуи **«Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд»** бахшида шудааст, ки натиҷаҳои бадастомада ҳамчун маводи маълумотӣ ба ҳисоб рафта ва барои мутахассисоне, ки ба усулҳои назариявӣ ва амалии технологияи дорусозӣ машғуланд мусоидат менамояд, инчунин дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз технологияи дорусозӣ ва курсҳои махсус аз манфиат холӣ набуда донишҷӯён, магистрон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода карор дода метавонанд.

Дар рафти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ проблемаҳои актуалии усулҳои назариявӣ ва амалии технологияи дорусозӣ ҳал карда шуданд. Ҳангоми кор бо диссетратсия Каримов Фирдавс Убайдуллоевич якчанд модел ва усулҳоро инкишоф дод.

Дараҷаи баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки дар таҳқиқоти аз усулҳои муосири барои ҳалли масъалаҳои мураккаб ва навтарин усулҳои назариявӣ ва амалӣ истифода барад. Рисола илмӣ аз нигоҳи нав проблемаҳои муҳими анъанавии назариявӣ ва амалиро ҳал менамояд.

Кори диссертатсионии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич як катор натиҷаҳои нави диқатҷалбкунандаро дарбар мегирад, ки асоснокии илмии онҳо бешубҳа, барои фаҳмидани усулҳои назариявӣ ва амалии технологияи дорусозӣ аҳамияти калон доранд. Натиҷаҳои кор пурра ва сари вақт дар маҷалаҳои тақризшаванда, нашрияҳои муосир чоп карда шуда, дар конференсияҳо, семинарҳо ва симпозумҳои байналмилалӣ баромад намудааст.

Диссертант дар кори диссертатсионияш ҷиддияти калони илмӣ нишон дод. Дар раванди кори диссртатсионӣ Каримов Фирдавс Убайдуллоевич ҳамчун мутахасиси баландихтисос ва ташаббускор, ба ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаи илми фарматсия қодир будани худро нишон дод.

Махсусан қайд мекунам, ки кори мустақилона иҷрошуда, қобилияти равандҳои коркарди диссертатсия ба тафаккури эҷодӣ, суботкорӣ, инчунин самти хуб доштан ба мавзуи мушаххаси таҳқиқотро дорад.

Дар умум, Каримов Фирдавс Убайдуллоевичро метавон ҳамчун муҳаққиқи собитқадам, ки қодир ба ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташударо дорад, сазовори дараҷаи номзади илмҳои фарматсевтӣ аст.

Ҳамин тариқ кори дисертатсионии Каримов Фирдавс Убайдуллоевич дар мавзуи **«Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимояи расмӣ пешниҳод шуда метавонад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои химия, профессор — Раҷабзода С.И.

Имзои профессор С.И. Раҷабзода-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавкиев Э.Ш.

19.06.2024